# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи “Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик)**

Диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём ба яке аз мушкилоти муҳимми адабиётшиносии муосири тоҷикӣ бахшида шуда, таҳқиқи мавзуи мавриди назар аз ҳар ҷиҳат мубам аст.

Муҳиммияти мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он зуҳур кардааст, ки имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик айнишиносӣ ба фароянди вежа мубаддал шуда, ғавру баррасии масоили марбути он дар шинохти шоистаи шахсият ва эҷодиёти С.Айнӣ саҳми созгор хоҳад гузошт. Илми айнишиносии муосир бо дарназардошти бознигарӣ ва таҷдиди назари афкори қаблии илмию адабиётшиносӣ таваҷҷуҳи хосро тақозо мекунад ва таҳқиқу баррасии ҳаёту эҷодиёти устод С.Айнӣ, ки аз солҳои бистум ва сиюми садаи XX оғоз шудааст, хостори пажуҳишҳои ҷудогонаю амиқи илмист. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳқиқ ва натиҷагирии самтҳои асосии равияи айнишиносӣ барои илми адабиётшиносии муосири тоҷик ҳам дорои аҳаммияти назарӣ ва ҳам амалист. Аз тарафи дигар, то ҳанӯз масоили марбути айнишиносӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки ин нукта боиси таъйиди навоварӣ дар мавзуи диссертатсияи Сироҷзода Ҷ.Қ.-ро гардидааст.

Диссертант дар муқаддимаи таҳқиқ муҳиммияти мавзуъ, ҷанбаҳои назарию амалии он ва дараҷаи омӯзиши масъалаи бамиёнгузоштаро тавзеҳ дода, вазоифи пажуҳиши худро дуруст муайян кардааст. Баъдан, дар се боби диссертатсия маводди илмию пажуҳишии перомуни шахсият ва эҷодиёти С.Айнӣ банашррасидаро давра ба давра гурӯҳбандӣ намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Диссертант дуруст таъкид кардааст, ки аксари таҳқиқоти дар даҳсолаҳои аввали қарни XX анҷомшуда тахти таъсири тақозои замон иншо шудаанд. Аз ин ҷиҳат, таҷдиди назар ва нақду баррасии онҳо аз диди нав як амри воқеӣ буда, шинохти рӯзгору осори С.Айнӣ дар даврони истиқлоли давлатӣ як навъ

пажуҳиши мунсифона ва воқеъназаронаро хоҳон аст. Имрӯз на танҳо назари адабиётпажуҳон, балки нигоҳи аҳли ҷомеа дар шинохти С. Айнӣ ва мероси гаронбаҳои ӯ комилан дигар буда, ҳамин паҳлуи масъала низ Сироҷзода Ҷамолиддин Қиёмро водор сохтааст, ки аз диди тоза ва бо корбурди равишҳои муосири таҳқиқи адабиёт мушкилоти мазкури илми адабиётшиносии тоҷикро ба риштаи пажуҳиши ҷудогонаи илмӣ кашад.

Диссертант дар бобҳои якум ва дуюми таҳқиқ масъалаҳои марбут ба шахсияти адабӣ ва осори нависандаро дар контексти фарояндҳои айнишиносӣ давра ба давра таҳқиқ намуда, хулосаҳои илман асоснок баровардааст.

Шинохти устод С.Айнӣ ба сифати забоншинос ва таърихнигор яке аз қисмҳои ҷолиби диссертатсияи мазкур буда, ин масъалаҳо дар боби сеюми диссертатсия матраҳ шудаанд. Агарчи баррасии илмии масъалаи забоншиносию таърихнигории С. Айнӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик бесобиқа нест, аммо диссертант тавонистааст, ки мавзуи мавриди баҳсро аз паҳлуи дигар таҳқиқ кунад ва то ҷое ба ин кор муваффақ низ шудааст. Дар ин замина, пажуҳиши як қатор мақолаю рисолаҳои марбути масъалаи мавриди назар барои шинохти бештари рӯзгору осори С. Айнӣ ҳоизи аҳаммиятанд. Аксари забоншиносон (масалан, Н.Маъсумӣ, Р.Ғаффоров, Ш.Рустамов, Д.Тоҷиев, С.Ҳалимов, Б.Камолиддинов, Мирзо Ҳасани Султон, С.Назарзода, О.Қосимов, О.Муҳаммадҷонов, Т.Ваххобов) устод С.Айниро ҳомӣ ва муҳофизи забони тоҷикӣ донистаанд.

Дар ин замина, диссертант дар боби сеюми таҳқиқ афкори забоншиносони тоҷикро дар бораи саҳму нақши устод С. Айнӣ дар инкишофи илми забоншиносӣ, луғатнигорӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани забони адабии тоҷикӣ тавзеҳ дода, таваҷҷуҳи муҳаққиқони имрӯзаи забони тоҷикиро ба афкори илмии ӯ ҷалб кардааст.

Ҳамин тавр, масоили марбути мавзуи таҳқиқ дар диссертатсияи Сироҷзода Ҷ.Қ. дар сатҳи хуби илмию пажуҳишӣ баррасӣ гардида, принсипҳои равиши илмӣ дуруст ба кор гирифта шуда, дар заминаи

баррасиҳои илмӣ хулосаҳои саҳеҳ, илман асоснок ва қобили эътимод бароварда шудаанд, ки онҳо арзиши муҳимми назарӣ ва амалӣ доранд. Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои зикргардида дар диссертатсия баъзе норасоӣ низ ба назар мерасад. Чунончи:

1. Беҳтар мебуд, агар фасли сеюми боби якуми диссертатсия, ки ба замони истиқлоли давлатӣ марбут аст, ба боби сеюм ворид мегашт.
2. Хуб мешуд, агар фасли дуюми боби якум, ки ба яке аз давраҳои пурбори айнишиносӣ бахшида шудааст, муфассал баён мегардид.

Ба таври умум, эродҳои зикршудаислоҳпазир буда, ба назар гирифтани онҳо дар таҳия ва нашри монография ба кори таҳқиқии Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи "**Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон**" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Шариф Раҳмон

Имзои Ш.Р.Шарифзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон

Нишонӣ: 734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
тел./факс (992 37) 224-17-86, 228-92-20,
www.apa.tj, info@apa.tj
тел.: (+992) 92 757 32 28, ssssharif@mail.ru

18.04.2025